# ТАҚРИЗИ РОҲБАРИ ИЛМӢ

**ба рисолаи диссертатсионии Буриев Шоҳин Муддинович дар мавзӯи «Мукаммалгардонии хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд дар шароити муосир», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D050900-Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз)**

Мубрамии мавзуи таҳқиқоти рисолаи илмии Буриев Шоҳин аз он бармеояд, ки муҳимияти мавзӯи рисола метавонад дар ҷанбаҳои зерин ошкор карда шавад: маблағгузории хурд ҳамчун воситаи фарогирии молиявӣ ва дастгирии тиҷорати хурд, афзоиши талабот ба хизматрасониҳои қарзии хурд аз ҷониби соҳибкорон ва аҳолӣ, таъсири тамоюлҳои технологӣ ба ТМХ ва зарурати такмил додани хати маҳсулот, каналҳои фурӯш ва усулҳои арзёбии хавф, зарурати фарқ кардани хидматҳо барои ҷалб ва нигоҳ доштани муштариён, ҳамоҳангсозии стандартҳои миллӣ бо таҷрибаи байналмилалӣ, рушди заминаи илмию методӣ дар соҳаи маблағгузории хурд.

Ҳамин тариқ, омӯзиши равандҳои мукаммалгардонии хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти онҳо дар шароити динамикаи муосир аҳамияти муҳим дорад.

Буриев Шоҳин Муддинович соли 2015 ба Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ихтисоси фаъолияти бонкӣ дохил шуда, онро моҳи майи соли 2019 бо баҳои хубу аъло хатм намуда, баъдан зинаи магистратураро дар донишгоҳи болозикр соли 2021 ба итмом расонидааст.

Баъди хатми шӯъбаи магистратура, тибқи фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон моҳи ноябри соли 2021, ӯ ба ҳайси докторанти фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D050900 «Молия» шомил шуда, онро 9-уми августи соли 2024 бо баҳои аъло хатм намуд.

Баъд аз шомил гардидан ба ҳайси докторанти фалсафа (PhD), ӯ ба корҳои илмӣ таҳқиқотии худ оғоз бахшида, яке аз масоилҳои мубрами низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон (алалхусус, хизматрасониҳои бонкии ТМХ)-ро, мавриди пажӯҳиш қарор дод.

Буриев Ш. нисбат ба худ серталаб мебошад ва аз ӯҳдаи вазифаҳои аз ҷониби роҳбар гузошташуда бо сарбаландӣ мебарояд. Пас аз муайян намудани самти таҳқиқоти илмӣ, Буриев Ш. ба ҷамъоварии маълумотҳо

оид ба асосҳои хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд машғул гардид. Дар рафти корҳои илмӣ таҳқиқотӣ, докторанти фалсафа (PhD) барномаи таълимиро пурра аз бар намуда, доир ба мавзӯи диссертатсионии худ 16 мақола нашр намуд, ки 5–тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА–и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

Бояд тазаккур дод, ки ҷиҳати ноил гардидан ба мақсади гузошташудаи таҳқиқот ва иҷро намудани вазифаҳои рисола, доктарант аз адабиёти зиёди олимони ватанӣ ва хориҷӣ истифода намудааст, ки аз пажӯҳиши амиқи ӯ гувоҳӣ медиҳад. Илова ба ин, маълумотҳои омории низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон васеъ истифода шудаанд, ки сифати рисоларо таҳким бахшида, аҳамияти илмӣ-назариявии онро баланд бардоштаанд.

Кори диссертатсионӣ аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиётҳо ва пешниҳодҳо иборат мебошад.

**Дар мукаддима** мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи азхудшудаи масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқот, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назариявӣ ва методӣ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ муайян карда шудаанд.

**Дар боби якум «Асосҳои назариявии хизматрасониҳои бонкӣ дар ташкилотҳои маблағгузории хурд» -** таҳқиқи ҷанбаҳои назариявии хизматрасониҳои бонкӣ ва аҳамияти маблағгузориҳои хурд дар иқтисодиёт, хусусиятҳо ва принсипҳои пешниҳоди хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд дар шароити муосир, асосҳои институтсионалии хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд: таҷрибаи ватанӣ ва хориҷӣ баён карда шудааст, ки аҳамиятнокии диссертатсияро тақвият мебахшад.

**Дар боби дуюми диссертатсия «Ҳолати муосири хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон» -** таҳлили бозори хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд, баҳодиҳии фаъолияти ҶСП ТАҚХ «Имон Интернешнл» дар низоми маблағгузории хурди кишвар, навовариҳои технологии бонкӣ ва нақши онҳо дар рушди хизматрасониҳои

ташкилотҳои маблағгузории хурд (модели регрессионӣ) таҳлил гардида, рушди хзматрасониҳои бонкии ТМХ дар шароити муосири иктисодӣ таҳлил гардида, раванди афзоишёбии онҳо баҳогузорӣ гардидааст.

**Дар боби сеюми диссертатсия «Самтҳои афзалиятноки тақвияти хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд» -** маркетинг ҳамчун воситаи муҳими мукаммалгардонии хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд, мукаммалгардонии хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ бо роҳи ҳамгироии каналҳои расонидани онҳо (омниканальность в сфере банковских услуг), моделисозӣ, такмили хизматрасонихои ТМХ бо истифода аз технологияи муосири бонкӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст.

**Дар хулоса ва пешниҳодҳо** натиҷаи асосии таҳқиқоти илмӣ ҷамъбаст гардидаанд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки Буриев Шоҳин Мудинович аз ӯҳдаи иҷроиши вазифаҳои гузошташуда бомуваффақият баромадааст. Натиҷаҳои амалии бадастомада аз ҷониби докторанти фалсафа (PhD) мустақилона коркард карда шуда, тавсияҳои пешниҳодгардида метавонанд дар самаранокии фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ кӯмак намоянд.

Хулоса, мазмун, мӯҳтаво ва сохтори рисолаи диссертатсионии Буриев Шоҳин Муддинович дар мавзуи «Мукаммалгардонии хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд дар шароити муосир» ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба омода намудани рисолаҳои номзадӣ ҷавобгӯ буда, барои ҳимоя аз рӯйи ихтисоси 6D050900 - Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) пешниҳод карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ, н.и.и., дотсенти кафедраи кори бонкии ДМТ** **Сайфуров К.Ф.**

**Имзои н.и.и., дотсент Сайфуров К.Ф.-ро тасдиқ менамоям. Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН TAJIK NATIONAL UNIVERSITY УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ

17.09.2024с